**ТДУ. 330.33338.431(575.34)**

# МЕХАНИЗМҲОИ ҶАЛБИ ЗАХИРАҲОИ САРМОЯВӢ ДАР СОҲАИ КИШОВАРЗИИ ВИЛОЯТИ ХАТЛОН

**Гулов Б.М.,** доктор PhD-и ДДБ ба номи Носири Хусрав

***Калимаҳои калидӣ:*** *кишоварзӣ, сармоягузорӣ, сармояи тағйирёбанда, саноатӣ-аграрӣ, стратегӣ, захираҳои меҳнатӣ, буҳрони иқтисодӣ, заминҳои нокорам, маҳсулнокӣ, самаранокӣ, дараҷаи рушд, ҳаҷми сармоягузорӣ.*

Кишоварзӣ соҳаи муҳими иқтисодиёт буда, на танҳо аҳамияти иқтисодӣ, балки ҷанбаи муҳими иҷтимоӣ низ дорад. Соҳаи истеҳсолоти кишоварзӣ «бинобар таъсири ҳалкунандаи худ ҳам ба соҳаҳои хоҷагии халқ, ҳам ба вазъи иҷтимоӣ-иқтисодии ҷомеа дар умум, ки масъулияти махсуси давлатро барои самаранокии фаъолияти ин соҳаи хоҷагии халқ ва таъмини сатҳи муътадили нархҳо ба маҳсулоти кишоварзӣ ва озуқаворӣ қаблан муқаррар месозад» [2, с.5], соҳаи стратегӣ мебошад. Аз ин рӯ, давлат бо мақсади таъмини иқтисодиёти устувор бояд ба фароҳам овардани иқлими мусоиди сармоягузорӣ ва омилҳои рушди устувори кишоварзӣ мусоидат намояд. Масъалаи ҷалби сармоягузорӣ ба соҳаи кишоварзӣ яке аз масъалаҳои калидӣ дар рушди иқтисодиёти мамлакат дар умум мебошад.

Дар Паёми Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.12.2018 оид ба масъалаи рушди соҳаи кишоварзӣ қайд шудааст, ки «мақсади стратегие, ки ба ташкили ҷойҳои корӣ ва афзоиши иқтидори содироти мамлакат бевосита таъсир мерасонад, таъмини амнияти озуқаворӣ тавассути рушди соҳаи кишоварзӣ мебошад» [1].

Рушди соҳаи кишоварзӣ бошад, аз оқилона ва самаранок истифода бурдани захираҳои сармоягузорӣ вобастагӣ дорад. Бинобар ин мо дар мақолаи мазкур кӯшиш намудем, ки ҳолати истифодаи самараноки захираҳои сармоягузориро дар соҳаҳои кишоварзии вилояти Хатлон арзёбӣ намоем.

Захираҳои сармоягузорӣ – ин захираҳои моддӣ ва ғайримоддие мебошанд, ки ба таъмини сармоя дар объектҳои гуногуни сармоягузорӣ равона карда шудаанд. Захираҳои сармоягузорӣ дар якчанд шаклҳо вуҷуд доранд: воситаҳои молиявӣ; дороиҳои информатсионӣ (натиҷаи фаъолияти зеҳнӣ, корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва озмоишӣ-конструктивӣ); захираҳои меҳнатӣ (қувваи корӣ); дороиҳои табиӣ (дороиҳои заминӣ ва ғайраҳо); дороиҳои моддӣ ва техникӣ (таҷҳизотҳо, технологияҳо, дороиҳои гардон, инчунин объектҳои дигари фондҳои асосии истеҳсолӣ).

Дар соҳаҳои кишоварзии минтақаҳои вилояти Хатлон захираҳои кофии иқтисодӣ ва сармоягузорӣ мавҷуд аст, бинобар ин кишоварзӣ дар ҷумҳурӣ ва минтақаҳои он яке аз соҳаҳои рушдёбандаи иқтисодиёт мебошад. Ҳар як минтақаи алоҳида дар вилояти Хатлон дар тақсимоти меҳнати ҷамъиятӣ ва тахассусгардонии фаъолияти иқтисодӣ иштирок менамоянд, ки вобаста ба он лоиҳаҳои сармоягузорӣ таҳияву амалӣ мегарданд.

Шароити гуногуни табиӣ-иқлимии вилояти Хатлон, васеияти ҳудуди он, мавҷудияти захираҳои обӣ ва меҳнатӣ, чун захираи муҳими сармоягузорӣ ба рушд додани соҳаҳои гуногуни кишоварзӣ (растанипарварӣ ва чорводорӣ) имкон медиҳанд.

Қайд менамоем, ки лоиҳаҳои сармоягузорӣ унсури муҳими низоми идоракунии иқтисодиёт ва ҳар субъекти хоҷагидорӣ маҳсуб меёбад [5, с.195]. Муҳимтарин шарт ва унсуре, ки коркард ва татбиқи лоиҳаҳои сармоягузориро ҳавасманд мегардонад, арзёбии лоиҳаҳои сармоягузорӣ мебошад. Аз ин ҷиҳат гуфтан мумкин аст, ки давраи аз ибтидои гузошта шудани сармоя то лаҳзаи аз ин маблағгузорӣ ба даст овардани самара давраи ҳаётии лоиҳаи сармоягузорӣ номида мешавад [6, с.32].

Дар натиҷаи истифодаи захираҳои сармоягузорӣ ва татбиқи лоиҳаҳои калони сармоягузорӣ рушди устувори иҷтимоӣ-иқтисодии вилоят ба даст оварда шуд. Аз тарафи дигар, таъмини рушди иҷтимоиву иқтисодии устувори вилояти Хатлон низоми ҳавасмандӣ ва муҳити созгори ҷалби сармоягузоронро дар минтақа муҳайё месозад. Бинобар ин мо пеш аз ҳама ҳолати рушди иҷтимоиву иқтисодии вилоятро дар шаш соли охир мавриди омӯзиш қарор додем.

Чи тавре, ки рақамҳои ҷадвали 1 шаҳодат медиҳанд, дар давраи солҳои 2014-2019 ҳаҷми маҷмӯи маҳсулоти минтақавӣ (МММ) аз 11696,3 то 19664,0 млн сомонӣ афзудааст, яъне дараҷаи рушд нисбат ба соли 2014 168,1 фоизро ташкил додааст. Ҳаҷми истеҳсолоти саноатӣ ва кишоварзӣ, низ афзудааст, дараҷаи рушди онҳо мувофиқан 2,1 ва 1,2 маротиба афзудааст. Ҳаҷми сармоягузорӣ дар ин давраи таҳлилӣ аз 1391,3 то 2623,0 млн. сомонӣ афзудааст.

**Ҷадвали 1. - Динамикаи нишондиҳандаҳои асосии рушди иқтисодии вилояти Халон (бо нархҳои соли 2019, млн. сомонӣ)**

| Нишондиҳандаҳо | Солҳо | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2014 | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 |
| Маҷмӯи маҳсулоти минтақавии вилояти Хатлон (млн. сомонӣ) | 11696,3 | 12522,7 | 14621,7 | 16049,7 | 17107,5 | 19664,0 |
| Дараҷаи рушд, базавӣ % | 100 | 107,1 | 125,0 | 137,2 | 146,3 | 168,1 |
| Дараҷаи рушд нисбат ба соли гузашта, % | 114,4 | 107,1 | 116,8 | 109,8 | 106,6 | 114,9 |
| Ҳаҷми умумии маҳсулоти саноатӣ | 4044,7 | 4621,2 | 5047,7 | 6753,1 | 7294,0 | 8661,1 |
| Дараҷаи рушд, % | 100 | 114,2 | 124,8 | 167,0 | 180,3 | 214,1 |
| Дараҷаи рушд нисбат ба соли гузашта, % | 92,5 | 114,2 | 109,2 | 133,8 | 108,0 | 118,7 |
| Ҳаҷми умумии маҳсулоти кишоварзӣ | 11403,6 | 11853,0 | 12324,4 | 12819,2 | 13338,6 | 14467,9 |
| Дараҷаи рушд, % | 100 | 103,9 | 108,1 | 112,4 | 117,0 | 126,9 |
| Дараҷаи рушд нисбат ба соли гузашта, % | 102,6 | 103,9 | 104,0 | 104,0 | 104,0 | 108,4 |
| Сармоягузорӣ | 1391,3 | 1503,8 | 2375,8 | 2179,0 | 2802,6 | 2623,0 |
| Дараҷаи рушд, % | 100 | 108,1 | 170,8 | 156,6 | 201,4 | 188,5 |
| Дараҷаи рушд нисбат ба соли гузашта, % | 112,0 | 108,1 | 158,0 | 91,7 | 128,6 | 93,6 |
| Ба кор андохтани фондҳои асосӣ, | 4666,4 | 990,7 | 1122,3 | 1669,3 | 710,6 | 3028,0 |
| Дараҷаи рушд, % | 100 | 21,2 | 24,1 | 35,8 | 15,2 | 64,9 |
| Дараҷаи рушд нисбат ба соли гузашта, % | 343,0 | 21,2 | 113,3 | 148,7 | 42,6 | 426,1 |
| Даромади буҷети давлатӣ | 1149,7 | 1239,3 | 1327,3 | 1467,9 | 1546,8 | 1720,4 |
| Дараҷаи рушд, % | 100 | 107,8 | 115,4 | 127,7 | 134,5 | 149,6 |
| Дараҷаи рушд нисбат ба соли гузашта, % | 123,8 | 107,8 | 107,1 | 110,6 | 105,4 | 111,2 |
| Шумораи миёнаи солонаи машғулин дар иқтисодиёт, ҳаз. нафар | 396,1 | 404,6 | 403,8 | 447,7 | 455,9 | 473,2 |
| Дараҷаи рушд, % | 100 | 102,1 | 101,9 | 113,0 | 115,1 | 119,5 |
| Дараҷаи рушд нисбат ба соли гузашта, % | 101,0 | 102,1 | 99,8 | 110,9 | 101,8 | 103,8 |

***Ҳисоб карда шуд аз рӯи: Омори солонаи вилояти Хатлон – 2020, с 8-9***

Пайваста бо ин пешравиҳо ба шумораи миёнаи солонаи машғулин дар иқтисодиёт, низ беш аз 19% афзудааст. Дар ин рушд, аз як тараф саҳми соҳаи кишоварзӣ назаррас бошад (афзоиши бузурги маҳсулоти саноати бо он вобастагӣ дорад), аз тарафи дигар рушди дигар соҳаҳои иқтисодии вилоят талаботи самаранокро ба маҳсулоти кишоварзӣ рӯи кор оварда, барои рушди соҳаи кишоварзӣ шароити мусоид созгор намудааст.

Дар иқтисодиёти вилояти Хатлон дар давраи солҳои 2014-2019 шумораи машғулин аз 396,1 то 473,2 ҳазор нафар расидааст, яъне дар ин давра беш аз 19,5 фоиз афзудааст. Аз он ҷумла дар соҳаҳои кишоварзӣ, шикор ва ҷангалпарварӣ бошад аз 253,2 то 309,3 ҳазор нафар афзуда, дараҷаи рушд 122,2 фоизро ташкил додааст. Вазни қиёсии машғулини соҳа ба шумораи умумии машғулин дар иқтисодиёт дар умум соли 2019 65,4 фоизро ташкил додааст, ки нисбат ба соли 2014 1,5 фоиз зиёд шудааст.

Бояд таъкид намуд, ки дар инкишофи сармоягузорӣ ва саноатикунонии соҳаи кишоварзӣ дараҷаи инкишоф, қобилияти инноватсионӣ ва касбияти роҳбарони хоҷагиҳо, яъне қобилияти ташкили муносибатҳои нави сармоягузорӣ ва механизмҳои зуҳуроти он дар шакли мушаххас барои ҳар як корхона, мавқеи муҳим доранд. Механизми муҳимтарини рушди саноат системаи ҳавасмандкунии моддии кадрҳои истеҳсолӣ, мунтазам баланд бардоштани сатҳи музди меҳнати онҳо мебошад [4, с.158].

Дар ин давраи таҳлилӣ музди меҳнати миёнаи моҳонаи кормандони соҳаи кишоварзӣ аз 235,58 то 492,90 сомонӣ ва ё ба сатҳи 109,2 фоиз афзудааст. Бузургии музди меҳнати коргарони соҳаи кишоварзӣ соли 2019 нисбат ба андозаи музди миёнаи кормандони соҳаҳои иқтисодиёти вилоят ба 49,4 фоиз баробар аст, яъне беш аз 2 маротиба паст аст (ҷадвали 2).

**Ҷадвали 2. - Динамикаи шуғлнокӣ ва музди меҳнати миёнаи моҳонаи кормандони соҳаи кишоварзӣ дар вилояти Хатлон**

| Нишондиҳандаҳо | Солҳо | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2014 | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | Рушд % |
| Ҳамаи намудҳои фаъолият, ҳазор нафар | 396,1 | 404,6 | 403,8 | 447,7 | 456,7 | 473,2 | 119,5 |
| аз он ҷумла: | | | | | | | |
| кишоварзӣ, шикор ва ҷангалпарварӣ, ҳаз/наф | 253,2 | 255,3 | 250,3 | 290,5 | 294,3 | 309,3 | 122,2 |
| Дар фоиз | 63,9 | | | | | 65,4 | 1,5 |
| Музди меҳнат дар ҳамаи намудҳои фаъолият | 615,23 | 645,05 | 714,13 | 843,39 | 913,30 | 998,54 | 162,3 |
| аз он ҷумла: | | | | | | | |
| дар кишоварзӣ, шикор ва ҷангалпарварӣ | 235,58 | 292,99 | 296,64 | 382,53 | 435,91 | 492,90 | 209,2 |
| Дар фоиз нисбат ба музди меҳнати миёна | 38,3 | | | | | 49,4 | 129,0 |

***Хисоб карда шудааст: аз рӯи Омори вилояти Хатлон – 2020 С. 50-52***

Изтиробовар он аст, ки бо сатҳи пасти музди меҳнат шумораи машғулин дар соҳаҳои кишоварзӣ қариб, ки кам нашудааст. Пас кормандони ин соҳа дар якборагӣ нигоҳ доштани ҷои кории худ боз дар шуғлнокии алтернативӣ, пеш аз ҳама дар шуғлнокии ғайрирасмӣ машғуланд ва даромади иловагӣ ба даст меоранд. Дар шароити сатҳи пасти музди меҳнати кормандони соҳаи кишоварзӣ, ки онро К.Маркс

сармояи тағйирёбанда номида буд, таъмини рушди сармояи инсонӣ ва мувофиқан таҳияву татбиқи самараноки лоиҳаҳои сармоягузорӣ аз имкон дур аст.

Бояд қайд кард, ки соҳаи истеҳсолоти кишоварзӣ соҳаи меҳнатталаб ва илмталаб аст, бинобар ин сармоягузориро низ талаб мекунад. Аз ин сабаб зимни таҳияи лоиҳаҳои сармоягузорӣ ба сармояи тағйирёбанда – пардохти хароҷоти вақти корӣ чун омили фаъоли ҷараёни татбиқи лоиҳаҳо ва ташкили истеҳсолоти кишоварзӣ диққат додан зарур аст.

Шарти асосии таҳия ва татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ ҷалби иқтидори сармоягузории субъектҳои хоҷагидор ба ҷараёни сармоягузорӣ мебошад. Амалигардони чунин ҷараён ташкили механизми самараноки баланд бардоштани фаъолнокии сармоягузории субъектҳои хоҷагидор, ки ба васеъсозии сармоягузориҳо аз ҳисоби маблағҳои захираҳои худи корхонаҳои кишоварзӣ, ба татбиқи иқтидори сармоягузории онҳо мусоидат менамояд, талаб мекунад [7, с.156].

Бинобар ин ба табиати махсуси меҳнати аграрӣ ва маҳсулоти он, ки хусусият, танзим ва соҳибкориро дар ин соҳа муайян менамояд, диққати асосиро бояд равона сохт. Дар воқеъ барои ташкили дурусти соҳибкорӣ ва фаъолияти сармоягузорӣ дар соҳаи истеҳсолоти аграрӣ як қатор вижагиҳои хоси ин соҳаи истеҳсолоти моддиро бояд донист. Вижагиҳои истеҳсолоти аграрӣ аз саноатӣ бо он фарқ мекунанд, ки дар ин ҷо меҳнати кормандони ин соҳа «на ба харҷи энергияи дар гузашта бақайдгирифташудаи сайёра, балки ба ҷамъоварии он равона аст» [8, с.210].

Дар шароити муосири хоҷагидорӣ маҳз давлат танзими фаъолияти сармоягузориро дар соҳаи кишоварзӣ бояд амалӣ намояд. Ин соҳа назар ба соҳаи дигар ба дастгирии давлатӣ ба сармоягузорӣ эҳтиёҷ дорад [9, с.68].

Ташаккул ва рушди шаклҳои нави хоҷагидорӣ ва истифодаи замин дар ҷумҳурӣ ва минтақаҳои он ба меҳнати корманди соҳаи кишоварзӣ сифати иқтисодӣ дода, бо истифода аз малакаҳо ва технологияи нав чун захираи сармоягузорӣ хизмат мерасонад. Вижагии дигари мӯҳиму хоси меҳнати аграрӣ он аст, ки дар соҳаи кишоварзӣ дар истифодабарӣ аз шартҳои меҳнат хоссагиҳое мавҷуданд. Инсон чун истеҳсолкунандаи маҳсулоти озуқаворӣ, ғизо як қисми маҳсулоти пешинаро на чун ашёи истеъмол, балки чун воситаи истеҳсоли онҳо истифода мекунад [3, с.32].

Ба ибораи дигар, як қисми маҳсулоти истеҳсолоти аграрӣ бевосита барои васеъсозии истеҳсолот чун шарти он ва захираи сармоягузорӣ истифода мегардад. Ҳамин тариқ, як қисми маҳсулот шакли молро қабул накарда, ба давраи дигар чун захираи сармоягузорӣ – воситаи истеҳсолот дохил шуда метавонад. Ин бо он асос меёбад, ки маҳсулоти тайёршуда, аз ҷумла иловагӣ низ дар истеҳсолоти аграрӣ аз рӯи арзиши истеъмоли худ аз маҳсулоти дар ҷараёни воситаҳои истеҳсолот амаликунанда фарқ намекунад. Масалан, картошкаро ҳамчун ғизо ва ҳамчун воситаи истеҳсолот (мавод барои шинонидан) ё гӯсоларо ҳамчун гӯшт ва ҳамчун гови ояндаи ҷӯшоӣ (воситаи асосӣ) ва ҳ.к. истифода кардан мумкин аст. Аз ин сабаб ҷамъоварӣ ва васеъсозии такрористеҳсол ба ҳам мувофиқанд.

Натиҷаи меҳнати аграрӣ маҳсулоти растаниҳову ҳайвоноти парваришёбанда мебошад. Растаниҳо, ҳайвонот ва қабати хоки замин, ҳосилхезии заминҳо захираҳои асосии истеҳсолоти аграрӣ буда, аз корманди соҳаи кишоварзӣ дониши зиёдеро талаб мекунад. Ин захираҳо дар ҷараёни меҳнати аграрӣ дар як вақт вазифаи ҳам ашёи меҳнат ва ҳам воситаи меҳнатро иҷро мекунанд.

Дар истеҳсолоти аграрӣ меҳнат чун захираи сармоягузорӣ ба омодасозии хок, растаниҳо ва ҳайвонот ба иҷрои вазифаи воситаҳои меҳнат равона аст:

- ба хок додани хусусиятҳое, ки барои парвариши растаниҳо лозиманд;
- омодасозии тухмиҳо барои кишт ва ба зери хок гузоштани онҳо;
- нигоҳубини растаниҳо, хӯрокворӣ ва нигоҳубини ҳайвонот;
- кори селексионӣ, ки ба баланд бардоштани қобилияти ҳаётӣ ва маҳсулнокии ҳайвоноту растаниҳо ва ҳ. к. равонаанд;

Ба таври дигар гӯем, меҳнати аграрӣ чун захираи сармоягузорӣ вазифаҳои зеринро иҷро мекунад:

- фароҳам овардани чунин шароит, вақте ки воситаҳои табиии истеҳсолот қобилияти худро дар ҷамъоварии энергияи нав татбиқ менамоянд;
- меҳнати зинда бо инъикоси энергияи ҷамъовардашуда бо мақсади истифодабарӣ аз он дар оянда истифода намояд.

Дар натиҷаи чунин ҷараён ба корманди соҳаи аграрӣ муясар мегардад, ки бо фаъолияти худ вазифаҳои табиии ҳайвони истеъмолкунандаи энергия ва растании ҷамъоварандаи энергияро пайваст намояд.

Ҳамин тариқ, агар дар истеҳсолоти саноатӣ олоти меҳнат, техника ва технология ҳаракатдиҳандаи асосии пешрафт бошад, пас дар истеҳсолоти аграрӣ омилҳои табиӣ

нақши асосиро мебозанд. Воситаҳои сунъии меҳнат, ки аз онҳо корманди аграрӣ истифода мебарад, дар фаъолияти бо таъмини шароити фаъолияти ҳаётии воситаҳои табиии истеҳсолот алоқаманду моддаҳои табиати органикиро созанда ба ӯ кӯмак мерасонанд. Ҳамин тариқ, таъиноти иқтисодии воситаҳои сунъии меҳнат ёридиҳанда буда, вазифаи тобеъшавандаро иҷро мекунад. Маҳз бо ин ҳолатҳо вижагиҳои ҷараёни таҳаввуллоти дар истеҳсолоти аграрӣ даврзананда алоқамананд.

Ҳоло Ҳукумати ҷумҳурӣ гузариш аз марҳилаи аграрӣ-саноатӣ ба саноатӣ-аграрии инкишофро ба роҳ монда аст. Аммо имрӯзҳо саноатисозии соҳаҳои кишоварзӣ танҳо бо ҷуброни талафот аз ба хориҷа рафтани қувваҳои корӣ аз соҳаҳои кишоварзӣ ва пиршавии он алоқаманд аст. Гузариш ба марҳилаи саноатӣ-аграрии инкишоф ва аз ин ҷо фаъолияти сармоягузорӣ аз солҳои гузашта бояд фарқи калон дошта бошаду чорабиниҳои зеринро дар бар гирад:

❖ рушди шаклҳои якҷояи хоҷагидорӣ. Ин ба баланд бардоштани нигоҳдории техника ва 2 маротиба афзудани мӯҳлати истифодаи он имкон медиҳад;

❖ сатҳи бо энергия таъмин намудани воҳидҳои заминҳои кишоварзӣ, бо тракторӯ комбайнҳо. Ин ҳолат сатҳи инкишофро 2-3 маротиба зиёд мекунад. Аз ин сабаб мӯҳлати гузаронидани корҳои кишоварзӣ муносиб гардонида мешавад;

❖ омодасозии ашхоси маълумоти касбии кишоварзидор мутобиқ ба талаботи раванди инноватсионӣ дар истеҳсолоти кишоварзӣ;

❖ такмилдиҳии инфрасохтори иҷтимоии деҳот, беҳгардонии шароити ҳаёти одамон;

❖ фароҳам овардани шароит барои ҳаракати озоди қувваи корӣ байни корхонаҳои кишоварзӣ ва саноатӣ дар лаҳзаҳои шиддатноки вақт;

❖ рушд додани базаи моддӣ-техникии сеҳҳо доир ба коркарди маҳсулот ва агрозаводҳо табдил додани чунин корхонаҳо дар сатҳи корхонаҳои калони кишоварзӣ.

Шаклҳои якҷояи хоҷагидорӣ (дар пойгоҳи муносибати якҷояи сохта) ба баланд бардоштани самаранокии истифодаи қувваи корӣ ва ҷалби як қисми қувваи ихтисори корӣ аз шаҳр имкон медиҳанд. Натиҷаҳои ниҳоии фаъолияти сармоягузории корхонаҳои кишоварзӣ аз таъминияти истеҳсолот бо кадрҳо ва аз мувофиқат ба сатҳи касбӣ, ҳамчунин аз ҳайати ихтисосии коргарони соҳаи истеҳсолоти асосӣ ва ёридиҳанда вобастаанд.Дар вилоят дар ҷараёни ислоҳоти иқтисодиёти кишоварзӣ намудҳои нави хоҷагидорӣ, дар шакли хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) пайдо шудаанд. Шумораи хоҷагиҳои деҳқонӣ дар ҷумҳурӣ дар давраи солҳои 2014-2019 беш аз 1,5 маротиба, дар вилояти Хатлон бошад аз 52570 воҳид то 58704 воҳид, ё бештар аз 1,1 маротиба афзуд. Аммо вазни хоси он дар миқдори умумии хоҷагиҳои деҳқонӣ дар ҷумҳурӣ аз 48,7 то 34,1%, яъне бештар аз 14,6% кам шуд (ҷадвали 3).

**Ҷадвали 3. - Динамикаи хоҷагиҳои деҳқонӣ дар вилояти Хатлон**

| **Нишондодҳо** | **Солҳо** | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | **2014** | **2015** | **2016** | **2017** | **2018** | **2019** | **Тағйирот, %** |
| Дар мамлакат, адад | 108035 | 123379 | 145107 | 164631 | 172668 | 171975 | 159,2 |
| аз он ҷумла дар вил. Хатлон, адад | 52570 | 47540 | 57219 | 57609 | 60212 | 58704 | 111,7 |
| Дар % | 48,7 | | | | | 34,1 | -14,6 |

***Ҳисоб карда шудааст аз рӯи Нишондиҳандаҳои гендерӣ оид ба фаъолияти истеҳсолии хоҷагиҳои деҳқонӣ дар солҳои 2014-2019. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, с.52-62***

Маълум аст, ки дар вилоят ҷараёни ташкили шаклҳои якҷояи хоҷагидорӣ оғоз ёфт ва он ҷараёни ташкили хоҷагиҳои нави деҳқониро бездошт намуд. Бинобар афзоиши миқдори шаклҳои мустақилонаи хоҷагидорӣ такмилдиҳии механизми ташкилӣ-иқтисодии ташаккули иқтидори сармоягузории корхонаҳои кишоварзӣ муҳим мегардад. Механизми ташкилӣ-иқтисодӣ низоми мураккаби воситаҳои молиявӣ-иқтисодӣ, шаклу усулҳои ташаккул, низоми назорат аз болои фаъолияти сармоягузорӣ, механизмҳои ҷалби захираҳои сармоягузорӣ, инчунин тарзҳои идоракунии ин ҷараёнҳо мебошад.

Хулоса, барои рушди босуръати соҳаи кишоварзӣ дар вилояти Хатлон фароҳам овардани шароити мусоиди иқтисодӣ зарур мебошад, яъне дар соҳаи кишоварзӣ сармоягузориҳоро васеъ бояд намуд, ки пеш аз ҳама ба самти инноватсионии фаъолияти ташкилотҳои кишоварзӣ мутааллиқ мебошад. Дар ҳақиқат, барои баланд бардоштани рақобатпазирии маҳсулоти кишоварзӣ ва афзоиши иқтидори истеҳсолии корхонаҳои кишоварзӣ, аз як тараф, сармоягузориҳои калон, аз тарафи дигар, ташаккули механизми самараноки сармоягузориҳо заруранд.

## АДАБИЁТ


1. Послание Лидера наций, Президента Республики Таджикистан Маджлиси Оли Республики Таджикистан - 2018//://www.president.tj/ru. (дата обращение 23 мая 2020)

2. Мирсаидов А.Б. Государственное регулирование цены продовольственного продукта Душанбе:Ирфон – 2013. 192- С.5.
3. Мирсаидов А.Б. Аврорзода А. Государственного регулирование воспроизводственного процесса: вопросы институциональное обеспечение – Душанбе, 2019- С.32.
4. Мирсаидов А.Б., Гулов Б.М. Институциональные аспекты эффективного использования инвестиционного потенциала в аграрной экономике // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук 2019. №4., Часть I- С. 158-164.

## АННОТАЦИЯ

## МЕХАНИЗМЫ ПРИВЛЕЧЕНИЯ ИНВЕСТИЦИОННЫХ РЕСУРСОВ В АГРАРНЫЙ СЕКТОР ХАТЛОНСКОЙ ОБЛАСТИ

В статье представлена информация об уровне организации инвестиционной деятельности в аграрном секторе Хатлонской области. Был отмечен вопрос развития сельского хозяйства, и Хатлонская область оценивается как регион с достаточными экономическими ресурсами и инвестициями, что ценно для сельскохозяйственного сектора. Отмечается, что в современных экономических условиях, именно государство регулирует инвестиционную деятельность в сельском хозяйстве. Представлена информация о переходе на индустриально-аграрную стадию развития и,в связи с этим, рассмотрены меры.

Представлена динамика основных показателей экономического развития Хатлонской области, занятости и среднемесячной заработной платы сельскохозяйственным рабочим и динамика развития дехканских хозяйств за 2019 год.

***Ключевые слова:*** *сельское хозяйство, инвестиции, переменный капитал, индустриально-аграрный, стратегический, трудовые ресурсы, экономический кризис, невозделываемые земли, продуктивность, эффективность, уровень развития, объем инвестиций.*

## ANNOTATION

## MECHANISMS OF ATTRACTING INVESTMENT RESOURCES IN THE AGRARIAN SECTOR OF KHATLON REGION

The article provides information on the level of organization of investment activities in the agricultural sector of the Khatlon region. The issue of agricultural development was noted, and Khatlon region is assessed as a region with sufficient economic resources and investments, which is assessed for the agricultural sector. It is noted that in modern economic conditions it is the state that regulates investment activities in agriculture. Information on the transition to the industrial-agrarian stage of development will be presented and measures for the transition to the industrial-agrarian stage of development will be considered.

The dynamics of the main indicators of economic development of the Khatlon region, employment and average monthly wages of agricultural workers and the dynamics of dekhkan farms for 2019 are presented.

***Key words:*** *agriculture, investment, variable capital, industrial-agrarian, strategic, labor resources, economic crisis, uncultivated land, productivity, efficiency, level of development, investment volume.*